**Тақризи**

**муқаррризи расмӣ - ба диссертатсияи унвонҷӯ Раҳмонзода Наргис Раҳмон таҳти унвони «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ. Хуҷанд-2026.-9 саҳ.**

Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсияи манзуршуда барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуъ.** Тоҷикистон дар марҳалаи кунунии рушд тарбияи насли соҳибмаърифат, соҳибиқтидор ва аз лиҳози зеҳнӣ пешрафтро омили асосии пешрафти устувор шуморида, тамоми сиёсати соҳаи маорифро ба ҳамин ҳадаф равона месозад. Таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат ба маориф баланд бардоштани сифати таҳсилот, такмили маҳорати касбии омӯзгорон ва фаъолсозии имкониятҳои эҷодии хонандагонро тақозо мекунад. Дар ин росто, ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои маърифатию зеҳнӣ вазифаи муҳими муассисаҳои таълимӣ буда, гузариш аз усулҳои анъанавӣ ба раванди мақсадноки таълим дар асоси муносибати босалоҳият (гузариш аз назария ба амалия) талаботи замон маҳсуб меёбад.

Дар доираи таҳлили илмию методӣ метавон қайд кард, ки муаллиф бо маҳорати баланди касбӣ таҷдиди куллии соҳаи маорифро ҳамчун талаботи мубрами замон арзёбӣ намуда, рушди мақсаднок, пурмазмун ва методологии низоми таълимро дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ ба таври муфассал асоснок кардааст. Муҳим будани ин раванд дар он зоҳир мегардад, ки мақсади ниҳоии он на танҳо баланд бардоштани савияи дониш, балки тарбияи шахсияти худшинос, рақобатпазир ва дорои фарҳанги баланди нутқ мебошад, ки ин омӯзиши масъалаҳои педагогӣ аҳаммияти хосса дорад.

Дар баробари ин, унвонҷӯ дар диссертатсия ба масъалаи салоҳиятҳои иртиботӣ ва маърифатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дуруст таъкид кардааст, ки онҳо ба иҷтимоишавии комили шахсият дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва бисёрфарҳангӣ мусоидат мекунанд. Иқтибосҳои овардашуда ва таҳлилҳои пайвастаи муаллиф собит месозанд, ки донистани забони тоҷикӣ ва маҳорати муносибат кардан омилҳои асосии пешрафти шахс дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ба шумор мераванд.

Ҳамзамон, баррасии салоҳиятҳои асосии фарогир дар стандартҳои давлатии таҳсилот ва таъкиди муаллиф ба он ки омӯзгор бояд диққати меҳвариро ба рушди салоҳиятҳои иртиботии хонандагон равона созад, аз ҷиҳати методӣ хеле саривақтӣ мебошад. Ин раванд ташаккули малакаҳои ҳамкорӣ, меъёри муошират ва арзишҳои маънавиро таъмин намуда, имкон медиҳад, ки донишҳои назариявии хонандагон ба сифатҳои шахсият ва малакаҳои амалии рафтор ба таври муассир табдил ёбанд.

Дар маҷмуъ, ин бахши таҳлилӣ бо мазмуни амиқ ва далелҳои раднопазир асос ёфта, ба ҷараёни тақриз ва арзёбии илмии мавод мувофиқати комил дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар таҳияи методикаи аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва аз лиҳози таҷрибавӣ санҷидашудаи ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар раванди омӯзиши калима ва таъбирҳо аз ҷониби хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зоҳир мегардад. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ оид ба педагогика, методикаи таълими забони тоҷикӣ, забоншиносӣ, равоншиносӣ, муқаррароти назариявии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон дар раванди омӯзиши калима ва таъбирҳо муайян карда шудааст. Ҳамчунин, маълумоти илмӣ дар бораи малакаҳои нутқ, тафаккур ва салоҳияти иртиботии хонандагон таҳлил карда шуда, ба густариши заминаи педагогӣ ва равонӣ барои

таҳияи системаи аз ҷиҳати методӣ самарабахши кор оид ба такмил додани нутқи хонандагон мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада барои истифодаи калима ва таъбирҳо ва саҳми ӯ дар такомули методикаи таълими забони тоҷикӣ заминаи устувор мегузоранд. Хулосаҳои назариявӣ метавонанд дар муассисаҳои миёнаи умумӣ ҳамчун манбаи муътамад хизмат кунанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки маводди диссертатсияро ҳангоми таълифи дастурҳои таълимӣ-методӣ барои муаллимони ҷавони мактабҳои миёнаи ҷумҳурӣ, инчунин дар ҷараёни тадриси фанҳои интихобии марбут ба методикаи таълим, истифода бурдан мумкин аст.

Дар мавриди мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ бояд таъкид намуд, ки диссертатсияи унвонҷӯ Раҳмонзода Наргис Раҳмон "Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо" ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**ро сатҳи ҳаллу фасли масоили мавриди таҳлил, бардоштҳои аз пажуҳиш бадастомада, ки дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳои илмӣ ба нашр расидаанд, инчунин хулосаҳои диссертант дар асоси манбаъҳои таҳқиқшуда собит менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар партави бардоштҳо аз андешаҳои пажуҳишгарони ватанию хориҷӣ асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқи

диссертатсиониро мушаххас намуда, усулҳои муосири таҳқиқӣ ва ғайра, нишон дода шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 20 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Дар рисола ва фишурдаи он масъалаи робитаи таҳқиқот бо стратегия ва барномаҳои давлатӣ, методикаи таълим, нақшаи илмӣ-таҳқиқии кафедраҳои марбута ва татбиқи истифодаи технологияҳои инноватсионии педагогӣ ҷиҳати таълими ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон ҳангоми омӯзиши забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ карор гирифтааст.

Диссертатсия дар ҳаҷми 188 саҳифаи матни компютерӣ ба чоп расида, аз муқаддима, се боб, ёздаҳ зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт (245 номгуй) иборат мебошад. Рисолаи илмӣ, инчунин, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро дар бар мегирад.

Дар муқаддима аҳаммият ва мубраммияти мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, инчунин, аҳаммияти назариявию амалии он, баргузории марҳилаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавии дар пойгоҳҳои таҳқиқоти таъсисдодашуда, баррасӣ гардидааст.

Боби якум **«Ҷанбаҳои назарии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими воҳидҳои луғавӣ»** унвон дошта, дар доираи чаҳор фасл мураттаб гардидааст. Аз ҷумла, **дар фасли аввали** он **«Масъалаи таҳқиқи омузиши калима ва таъбирҳо дар сарчашмаҳои илмӣ»** андешаҳои олимон оид ба масъалаи асосҳои забонщиносии таълими калима ва таъбирҳо дар МТМУ баррасӣ гаштааст.

Фасли дуюм **«Заминаҳои илмӣ-назариявии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон»** ба яке аз масъалаҳои бунёдӣ ва мубрами педагогикаву методикаи муосири таълими забони тоҷикӣ бахшида

шудааст. Муаллиф дар ин бахш такя ба пажуҳишҳои олимони хориҷӣ ва равишшиносони ватанӣ, заминаҳои методологӣ ва назариявии муносибати босалоҳиятро ҳамаҷониба мавриди таҳлил ва арзёбии илмӣ қарор медиҳад.

Дар фасли сеюми боби мазкур – **«Принсип ва марҳалаҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар раванди таълими калима ва таъбирҳо»** ба яке аз масъалаҳои муҳим ва амалии лингводидактика - муайян кардани марҳалаҳои пайдарпай ва принсипҳои махсуси ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо бахшида шудааст. Муаллиф дар ин бахш раванди таълимро дар низоми муносибати босалоҳият бо дарки амиқи илмӣ ва мутобиқ ба талаботи муосири таҳсилот дастабандӣ кардааст.

Дар фасли чоруми боби мазкур – **«Ҳадафҳои дидактикии татбиқи салоҳияти иртиботӣ зимни омӯзиши калима ва таъбирҳо»** дар заминаи ҳадафҳои таҳсилоти умумӣ, муаррифии сохтории таҷрибаи иҷтимоӣ ва таҷрибаи шахсият, инчунин навъҳои фаъолияти асосии хонанда, ки имкон медиҳад таҷрибаи иҷтимоиро аз худ кунад, малакаҳои ҳаётӣ ва амалиро дар ҷомеа ба даст орад, ҳаллу фасл гаштааст. Диссертант таъкид мекунад, ки бояд раванди ташаккули нутқ тамоми зинаҳои фаъолияти зеҳниро аз дарку гирдоварии мавод то таҳия, ислоҳ ва такмили навиштаҳо дар жанрҳои гуногун фаро гирад.

Боби дуюми диссертатсия, ки **«Методикаи таълими калима ва таъбирҳо дар асоси стандарт, барнома ва китобҳои дарсӣ»** унвон дорад, боби меҳварии таҳқиқоти мазкур маҳсуб меёбад. Боби мазкур дорои чаҳор фасл буда, фасли аввал **«Мавқеи калима ва таъбирҳо дар Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI»** ном дошта, мавриди пажуҳишу таҳлил қарор гирифтааст.

Дар фасли дуюми боби мазкур – **«Масъалаҳои умумии таълими воҳидҳои луғавӣ дар МТМУ»** қайд мешавад, ки асоси таълими фасли

калима ва таъбирҳоро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил медиҳад.

Дар фасли сеюми боби мавриди назар, ки **«Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон тавассути кор бо калима ва таъбирҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ»** унвон дорад, сухан дар бораи роҳҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ меравад. Дар ин фасл роҳу усулҳои табдил додани дониши назариявии забонро ба малакаҳои фаъоли нутқ бо ҷумлаҳои равон, академикӣ ва асоснок ба риштаи таҳлил кашидааст.

Фасли чоруми боби дуюм **«Ҷанбаи услубии омӯзиши калима ва таъбирҳо ва ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон»** ном дошта, душвории таълими шохаҳои услубии забони тоҷикӣ ва ниҳоят кам будани адабиёти методӣ доир ба он, ки боиси сатҳи пасти фасоҳати нутқи хонандагон гаштааст, мулоҳиза шудааст.

Боби сеюми диссертатсия–**«Корҳои озмоишию таҷрибавӣ оид ба ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон дар раванди таълими калима ва таъбирҳо»** натиҷаи таҳқиқоти дар тӯли 4 сол анҷомдодаи диссертант, дар доираи ду озмоиши педагогӣ – муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда дар гимназия ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд фаро гирифтааст. Дар фасли аввали ҳамин боб «Вазъи таълими калима ва таъбирҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муайян намудани сатҳи ибтидоии дониши хонандагон» инъикос ёфта, вазифаҳои озмоишҳои педагогӣ таҳлил гардидааст.

Дар фасли дуюми боби сеюм – **«Мавқеи машқҳои эҷодӣ дар ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон»** сурат гирифта, барои воқеъбинона арзёбӣ кардани маҳоратҳои хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ (ГО) ва назоратӣ (ГН) низоми махсуси корҳои санҷиширо дар шакли саволу ҷавобҳои тестӣ, мубоҳисаи гурӯҳӣ, мубоҳисаи психологӣ, ҷустуҷӯйи ҳаммаънохо, мутазод, ҳамгунаҳо, кори луғат ва имло, таҳлили занҷирии мантиқӣ, таҳлили услубӣ, ҷустуҷӯйи калимаҳои ҳаммаъно аз

шохаҳои услубӣ, бозии нақшҳо, кори таҳқиқотӣ, машқҳои эҷодӣ ва корҳои хаттӣ таҳия шудааст.

Дар фасли сеюми боби мазкур **«Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои озмоиш ва арзёбии самаранокии методикаи пешниҳодшуда»** сурат гирифтааст. Диссертант қайд мекунад, ки агар омӯзиши воҳидҳои луғавӣ бо назардошти салоҳияти иртиботӣ мақсаднок истифода шавад, он ба такмили инкишофи нутқ ва тафаккури интиқодиву эҷодии хонандагон шароит фароҳам меорад.

Дар анҷоми диссертатсия зимни **хулосабарорӣ** муҳаққиқ ҷамъбасти натиҷагириҳои таҳқиқро ба таври мушаххас ва нуктасанҷона дар бандҳои ҷудогона бо пешниҳоди илмиву назариявии ҷолиб ва арзишманд дар чанд банд пешкаш менамояд.

Ҳамзамон дар фароварди хулосаҳои илмии худ муҳаққиқ оид ба **истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқоти** анҷомпазируфта дар 7 қисмат тавсияҳои арзишманди худро пешниҳод менамояд.

Ҳамзамон, кори диссертатсионии унвонҷӯ Раҳмонзода Наргис Раҳмон дорои арзиши назарраси илмӣ буда, дар баробари дастовардҳо баъзе нуктаҳои қобили интиқодро низ дорад, ки мехостем ба баъзе аз онҳо таъкид намоем:

1.Дар рисола унвонҷӯ фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси китобҳои дарсии насли нав дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, истифода аз роҳу усули пешқадами таълими ин фан дар муқоиса мавриди таҳлил, ҷамъбаст ва хулосабарорӣ қарор надодааст.

2.Дар диссертатсия як мафҳум истилоҳҳои «иртиботӣ» ва «коммуникативӣ», инчунин «назоратӣ» ва «санҷишӣ» ба таври омехта истифода шудаанд.

3. Ҳангоми омӯзиши матни диссертатсия маълум шуд, ки баъзе манбаъҳои электронӣ ва феҳристи адабиёт нопурраанд.

4.Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Сарфи назар аз камбудиҳои зикршуда, диссертатсияи Раҳмонзода Наргис як таҳқиқоти мукаммал, ҳадафманд ва пурарзишест, ки ба ҳалли масъалаи муҳим бахшида шудааст. Муаллиф доираи васеи маводди забонӣ-фарҳангиро ҷамъоварӣ ва тасниф намуда, тасдиқи амалии эътимоднокии натиҷаҳоро тавассути чопи мақолаҳо таъмин кардааст.

Нуктаҳои зикршуда ба арзиши умумии кор таъсири манфӣ намерасонанд, зеро онҳо бештар хусусияти техникӣ ва таҳририӣ дошта, ислоҳпазиранд.

Мақолаҳои интишоршудаи муҳаққиқ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Автореферати диссертатсия (бо гунаҳои тоҷикӣ ва русии он) мазмуну мундариҷаи асосии кори таҳқиқотии Раҳмонзода Наргисро фарогир аст.

Хулоса, диссертатсияи Раҳмонзода Наргис Раҳмон кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи хуби илмӣ ба иҷро расидааст. Довталаб ба ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ноил шудааст. Вазифаҳои дар назди диссертатсия гузошташуда ҳаллу фасл ёфтаанд ва дар ин замина фарзияи таҳқиқот низ тасдиқи худро ёфтааст.

Диссертатсияи Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи **«Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ як таҳқиқоти мукаммал, ҳадафманд ва пурарзиши илмӣ буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ

мебошад ва унвонҷӯ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи психология ва
сотсиологияи идоракунии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ғаниева Б.Ҷ.

Суроға:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе,, кӯчаи Саид Носиров 33.
Тел: 904071600;E-mail: mail:simin62@ihbox.ru

«Имзои Ғаниева Б.Ҷ-ро тасдиқ менамоям»:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Насурдинзода А.Н.
01. 09. 2026